# Маросими савгандёдкунии саркардаи гурӯҳи муттташакили ҷиноятии ноҳияи Шуғнон Мамадасламов Ёдгоршо Шомусаламович дар назди қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ



# Ситоди байниидоравии мақомоти таъмини амният

«22» октябри соли 2018 шаҳри Хоруғ №13/2008-18

## ПРОТОКОЛИ
### эълон намудани огоҳии расмӣ

Ситоди байниидоравии мақомоти таъмини амният мутобиқи моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» шаҳрванд:

Фамилия, ном ва номи падар Мамадасламов Ёдгоршо Шомусаламович

2.Санаи таваллуд 15 июли соли 1958
3.Ҷои таваллуд ноҳияи Шуғнон
4. Маҳалли истиқомат ё қайд ноҳияи Шуғнон, кучаи Тишор
5.Вазъи оилавӣ оиладор
6.Суд шудааст ё не қаблан суд нашудааст
ба бинои прокуратураи ВМКБ воқеъ дар суроғаи шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ленин 52, ҳозир карда шуда, ба вай огоҳии расмӣ эълон карда шуд.

Аз ҷумла, Мамадасламов Ё.Ш. оиди роҳ надодан ба содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ бар зидди амнияти давлату ҷомеа;

-ташкилу роҳбарии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, иттиҳоди ҷиноятӣ;

- даъват ва ҷалби ҷавонон бо мақсади содир намудани бетартибиҳои оммавӣ, ғасби биною иншооти давлатӣ;

- қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк;

- таҳқири намояндаи ҳокимият;

-авбошӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳу аслиҳа;

-гузаронидани ҷамъомадҳои афроди ҷиноятпеша (сходка);

-итоат накардан ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зоҳир мегарданд, огоҳонида шуда, аз ӯ талаб карда шуд, ки дар оянда чунин кирдорҳоро содир накунад.

Ҳамзамон, ба Мамадасламов Ё.Ш.
мафҳуми ҷиноятҳои дар моддаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон:

187- Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ);

182- Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа;

188- Бетартибиҳои оммавӣ;

189- Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ;

195- Ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш;

200- Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

201- Муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

237- Авбошӣ;

255- Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк;

330-Таҳқири намояндаи ҳокимият, ки ба категорияи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин дохил мешаванд, пешбинишуда пурра маънидод карда шуданд.

Шаҳрванд Мамадасламов Ё.Ш. баъди гирифтани огоҳии расмӣ изҳор намуд, ки ман айни ҳол силоҳу аслиҳаи ғайриқонунӣ нигоҳ доштаи худро ба пуррагӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ихтиёрӣ супоридам.

Бо масъулияти том изҳор менамоям, ки дар манзили истиқоматии худ ва хешу таборам, шиносҳоям, инчунин дар махфигоҳҳо силоҳ ва дигар лавозимоти ҷангӣ надорам, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, дигар предметҳои муомилоти онҳо аз ҷониби қонун манъшударо ба шахсони дигар барои нигоҳ доштан ва пинҳон кардан нагодаам.

Аз роҳбарии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, иштирок дар ҳайати иттиҳодҳои ҷиноятӣ даст кашидаам.

Ҷамъомадҳои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятиро (сходка) баргузор намекунам.

Ҷавононро барои ба ҳайати чунин гурӯҳҳо ҳамроҳ шудан даъват намесозам.

Ба иғвогарию барангехтани кинаву адовати маҳалгароӣ хотима мебахшам.

Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайриқонунӣ убур намекунам.

Ба қочоқи воситаи нашъаовар ва силоҳи оташфишон даст намезанам.

Талаботи қонун, намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар баробари дигар шаҳрвандон пурра риоя мекунам.

Ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдор ҳангоми ба амал баровардани ваколатҳои ба онҳо вогузор кардашуда дахолат намекунам, ва монеъ намешавам.

Ба бахсҳои манзилӣ, молу мулкӣ ва дигар баҳсҳои байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дахолат намекунам.

Қатъиян ба корҳои мулкӣ (соҳибкорӣ, тиҷорат ва ғайра) машғул мешавам.

Дар сурати риоя накардани талаботҳои дар огоҳии расмӣ зикршуда ва содир намудани кирдорҳои дар боло баёнгардида, тайёрам дар назди қонун ҷавоб диҳам.

Ба ман фаҳмонида шуд, ки риоя накардани талаботҳои
огоҳиномаи расмӣ нишон додашуда танҳо қасдан ҷой до
метавонанд.

Ҳангоми эълон намудани огоҳии расмӣ ва имзо гузоштан
нисбати ман ва хешутаборонам маҷбуркунии ҷисмонӣ ва руҳӣ, таҳд
фишор ва фиреб истифода нашудааст.

Нусхаи огоҳии расмӣ ва матни чопии моддаҳои дахлдори
Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар ин огоҳинома нишон дода шудаа
гирифтам.

Мамадасламов Ё.Ш.
(ному насаби шахси огоҳшаванда ) (имзо)

«22» октябри соли 2018

Огоҳии расмиро эълон намуда, протоколро тартиб доданд:

1. Муовини якуми Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон сардори РВКД дар ВМКБ, генерал-лейтенанти милитсия — А.А.Аламшозода

2. Сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура, мушовири адлияи дараҷаи 1 — Р.М. Содиқзода

3. Муовини Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия — А.Ш.Навҷувонов

4. Муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — А.Н.Исҳоқӣ

5. Муовини якуми раиси ВМКБ — А.Мирзонаботов

6. Прокурори ВМКБ — Д.А.Асозода

7. Сардори РКДАМ дар ВМКБ — М.Э. Меликов

8. Прокурори раёсати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон — М.Наботов

9. Намояндаи ҷамъиятӣ ________________

Исганов Ф.И.